«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
_______________________
«__26__» ____10____ 2023с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Тадқиқот оид ба омӯзиши пурраи мавзуи диссертатсионии Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич аз соли 2019 дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз гардидааст.

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намудааст. Номбурда солҳои 2019 то соли 2022 ба сифати унвонҷӯй аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳсил кардааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии ДДМИТ мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4(хуб), протоколи №14 аз 14.06.2021, таърих ва фалсафаи илм 4(хуб), протоколи №39 аз 12.12.2020 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бо баҳои 5 (аъло),

протоколи №09 аз 09.12.2022 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30.01.2020, протоколи №7/5.2 тасдиқ шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссетратсия дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳои кори иҷрошуда.** Дар шароити авҷ гирифтани ноустувории молиявию-иқтисодӣ дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳидаи он, дастгирии давлатии соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ баҳисоб меравад. Дастгирии мазкур алалхусус тавассути татбиқи сиёсати молиявии ҳукумати мамлакат ба амал мепайвандад. Ва қайд кардан ба маврид аст, ки аз омӯзишу таҳлилҳое, ки дар доираи мавзуи мазкур гузаронида шудаанд, мушоҳида гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баробарсозии рушди соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо тавассути дастгирии давлатии буҷетию молиявӣ, ҳукумати кишвар тавонист дар муддати зиёда аз 32-соли Истиқлолияти давлатӣ шароити мусоид барои рушди вилояту минтақаҳо фароҳам оварад. Дар заминаи танзими давлатии рушд, тавассути татбиқи имконоти буҷетӣ ва суботи вазъи иқтисодӣ, коҳиши сатҳи тафриқаи рушди иқтисодии байни минтақаҳо таъмин гардид.

2. **Саҳми шахсии довталаб.** Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда вобаста ба шароиту имкониятҳо унвонҷӯ ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёт, иқтисодиёти минтақавӣ, ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро мавриди омӯзиш қарор дода, дар натиҷа муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодиёти минтақавиро муайян намудааст. Дар асоси таҳқиқи танзим ва дастгирии давлатӣ заминаҳои берунӣ ва шароити дохилӣ, зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақаи Рашт дар давраи муосир асоснок гардидааст.

3. **Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо саҳеҳият ва миқдори назарраси маводи таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва механизмҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт, нашри натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсиякардаи КОА ва байналмиллалӣ, таъйид шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо маълумоти

илмӣ-амалӣ (таҷриба), татбиқи усулҳои гуногуни таҳқиқоти иқтисодӣ, тасдиқ ва асос ёфтаанд.

**4. Мақсади таҳқиқот -** асоснок намудани ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии танзиму дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ба ҳисоб меравад.

**5. Навгонии таҳқиқоти илмиро** дар муайян намудани тақвияти дастгирии давлатӣ ва танзими молиявӣ мақсади асосӣ ин таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ минтақа баҳисоб меравад. Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, масъалаҳои зерин дохил мешаванд, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методии танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа асоснок карда шудааст. Дар асоси таҳқиқи ҳаматарафаи моҳияти танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ омӯхта шуда, таърифи муаллиф оид ба иқтисодиёти минтақавӣ ва танзими он ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян ва пешниҳод гардидааст.

2. Роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат ва истифода бурдани таҷрибаи пешқадам дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ муайян карда шуда, тавсифи нишондиҳандаҳои молиявӣ, арзёбии таъмини захираҳо ба рушди иқтисодии минтақа пешниҳод гардидаанд: рушди иқтисодии инноватсионӣ, гузариши босуръат ба ҳукумати электронӣ, омилҳои муосири ҷалби сармоягузориҳо, рушди саноат, пасткунии меъёрҳои андоз ва сиёсати дустона бо андозсупорандагон.

3. Механизми танзим ва дастгирии минтақа аз ҷониби давлат дар шароити иқтисодии муосир муайян гардида, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва инкишофи он пешниҳод шуда, муайян гардид, ки истифодаи мақсадноки имконоти низоми танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили асосии рушд ба ҳисоб меравад: рушд додани истеҳсолот, ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодии минтақа, бунёди инфрасохтор ва таблиғи мавзеъҳои сайёҳӣ, инкишофи инфрасохтори роҳу нақлиёт ҳамчун шарти муҳимми ҷалби сармоягузориҳо.

4. Вазъи кунунии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт муайян гардида, омилҳои ба рушди иқтисодӣ ва таъмини буҷетҳои маҳаллии минтақаи тадқиқотӣ таъсиррасон (ба монанди таъмини буҷети ноҳияҳои минтақа бо даромади худӣ, ҳолати мавҷудияти техникаҳои кишоварзӣ ва захираҳои табиӣ, истеҳсоли ашёҳои хоми табиӣ, бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноатии минтақа ва таъсиси мактабу беморхонаҳои муосир) таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

5. Дар заминаи ташкил ва тавсеаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсиси корхонаҳои хурду миёна, бунёди минтақаи озоди иқтисодии Рашт бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар минтақаи Рашт асоснок карда шудааст.

6. Дар асоси усулҳо ва моделҳои регрессионӣ арзёбии рушди иқтисодии минтақа ва дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ бо таҳлили оморию эконометрикӣ муайян гардид, ки ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани омили ҲГС ва бетағйир мондани омили маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоби миёна маҳсулоти умумии минтақаи Рашт ба андозаи 1.4675 воҳид меафзояд. Инчунин, дар мавриди ба як воҳид зиёд шудани МУК ва бетағйир будани ҲГС ба ҳисоби миёна даромади умумии минтақаи Рашт ба 0.8289 воҳид афзоиш меёбад.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар асоси омӯзиш ва баррасии назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти минтақавӣ ва асарҳои класикони илми иқтисод, олимони ватанию хориҷӣ оид ба рушди иқтисодии минтақаҳо таҳия шудааст. Моҳияти таҳқиқи мавзуи номбурда дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардаро олимону коршиносони ба соҳаи рушди иқтисодиёти минтақавӣ машғулбуда, метавонанд мавриди баррасӣ қарор диҳанд, чунки бе рушди иқтисодии минтақаҳо рушди иқтисодии кишвар ғайриимкон аст. Омӯзиши муаммоҳои назариявии мавзуи таҳқиқотӣ ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, шакл ва усулҳои танзим, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини захираҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷиро мавриди муҳокима қарор дода, муаммоҳои минтақаҳои суст тараққикардаро инъикос менамояд.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** аҳаммияти илмию амалии таҳқиқотро натиҷаҳои илмӣ ва амалии тадқиқоти чандинсолаи муаллиф оид ба роҳҳои мусоидати рушди минтақаҳо, хусусан минтақаи Раштро дар бар мегирад. Таҳқиқи илмии кори диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Рашт дар шароити муосири иқтисодӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбад. Барои рушди минтақаҳо имкони истифодабарии натиҷаҳои бадастоварда ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди ичтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва иҷроиши буҷетҳои минтақавӣ барои афзоиши иқтидори андозӣ ва молиявӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳои тадкиқотро метавон барои такмили рушди иқтисодии минтақавӣ, ҳавасмандгардонии сиёсати молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси корхонаҳои хурду миёна,

рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои минтақаи Рашт мавриди истифода қарор дод.

**7. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷавобгӯ мебошад: 1.1 Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; усулҳо ва фишангҳои тадқиқотҳои иқтисодии ҳудудӣ; эконометрикаи қаламравӣ; 1.4. Муаммоҳои ноҳиябандии иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат аз рӯйи меъёрҳои моддӣ ва ғайримоддӣ; 1.5. Трансформатсияи ҳудудӣ-иқтисодӣ, тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; сохтори иқтисодӣ аз ҷиҳати ҳудуд, қонуниятҳои дигаргуншавии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.21. Хусусиятҳои минтақавии амалигардонии сиёсати буҷетӣ-андозӣ. Инкишофи муносибатҳои пулию қарзӣ ва буҷетӣ-андозӣ дар минтақаҳо.

**8. Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Натиҷаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт муаррифӣ гардидаанд: конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Рушди ба ҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар" (28.05.2022), н. Рашт, конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар» (27.05.2023), н. Рашт, конференсияи илмӣ – назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021), 12-17 апрели 2021, конференсияи илмӣ – назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба "Солҳои рушди саноат (2022-2026)", 18-23 апрели соли 2022 рӯйи чоп омадаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар раванди таълими мактабҳои таҳсилоти олӣ зимни тадриси фанҳои «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Иқтисодиёти миллӣ», «Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ» ва «Иқтисодиёт дар корхонаҳои саноатӣ» истифода намудан бомаврид аст.

**9. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 16 мақола дар ҳаҷми умумӣ 6,1 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 7-тои он дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 158 номгӯйро дар бар мегирад, иборат буда, мазмуни кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 181 саҳифаи матни компютерӣ, 32 ҷадвал, 7 расм ва 11 диаграмма баён гардидааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### Мақолаҳо дар маҷалаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Деҳқонов С. Самаранокӣ ва маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Деҳқонов С. Маҳмадуллоев А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе – 2020/ №8-С. 199-203. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Деҳқонов С. Асосҳои назариявӣ ва методологии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Деҳқонов С., Убайдов Ф.// Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.- Душанбе -2021, №4/1 (29) -С. 39-45. ISSN 2663-0389.

[3-М]. Деҳқонов С. Вазифаҳои давлат дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ [Матн]/ Деҳқонов С. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, Душанбе - 2021, №1-2 (9-10) -С. 42-47. ISSN 2707-9996.

[4-М]. Деҳқонов С. Баъзе масъалаҳои таҷрибаи хориҷии таъмини захиравии рушди минтақа [Текст]/ Деҳқонов С. // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе -2022, №1 (30)-С. 286-295. ISSN 2663-0389.

[5-М]. Деҳқонов С. Асосҳои назариявӣ ва таҳлили молиявии ноҳияҳои минтақаи Рашт [Матн] / Деҳқонов С.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе – 2023/ №5-С. 146-155. ISSN 2413-5151.

[6-М]. Деҳқонов С. Такмили механизми танзими буҷетию андозии рушди минтақаи Рашт [Текст] / Ҷонмамадов Ш.Б., Деҳқонов С.А. // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе -2023, №1 (35)-С. 76-82. ISSN 2663-0389.

[7-М]. Деҳқонов С. Ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ - омили рушди корхонаҳои хурду миёна дар минтақаи Рашт [Матн] / Ҷонмамадов Ш.Б.,

Деҳқонов С.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе – 2023/ №10.Қисми 1.- С. 214-223. ISSN 2413-5151.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Деҳқонов С. Механизм бюджетно-налового регулирования социально – экономического развития республики Таджикистан [Матн]/ Деҳқонов С. / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Маҷаллаи илмӣ №3(3), 2020 Рашт.- С. 96-100.

[9-М]. Деҳқонов С. Основные функции государства в региональном экономическом развитии [Матн]/ Деҳқонов С. Убайдов Ф. / Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ – назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷуёнӣ донишгоҳи давлатии молия ва итисоди Тоҷикистон бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)12-17 апрел Душанбе -2021с. - С. 61-65

[10-М]. Деҳқонов С. Таҳлили вазъи кунунии буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт: норасоиҳои мавҷуда ва роҳу манбаъҳои бартараф кардани онҳо [Матн] / Ниёзов М., Деҳқонов С. / Маводи конференсияи илмӣ – амалии байналмилалии «Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар» (28.05.2022), дар кафедраи баҳисобгиирии бухгалтерӣ ва менеҷмент –и ДОТ дар н. Рашт.-С. 63-70.

[11-М]. Деҳқонов С. Муаммоҳои рушди иқтисодии ноҳияи Рашт дар солҳои охир (2020-2021) [Матн]/ Деҳқонов С. / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Маҷаллаи илмӣ №2(10), 2022 Рашт.- С. 220-224.

[12-М]. Деҳқонов С. Механизми иқтисодии таъмини рушди устувори минтақа [Матн]/ Деҳқонов С. / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Маҷаллаи илмӣ №2(10), 2022 Рашт.- С. 225-228.

[13-М]. Деҳқонов С. Нақши давлат дар таъмини рушди иқтисодии минтақавӣ [Матн]/ Деҳқонов С. Убайдов Ф. / Маводҳои конференсияи илмӣ – назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷуёнӣ донишгоҳи давлатии молия ва итисоди Тоҷикистон бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026) 18-23 апрел Душанбе -2022с. - С. 33-37.

[14-М]. Деҳқонов С. Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисодӣ – иҷтимоии минтақаи Рашт [Матн]/ Ҷонмамадов Ш.Б. Деҳқонов

С.А. /Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Маҷаллаи илмӣ №2(14), 2023 Рашт.- С. 221-226.

[15-М]. Деҳқонов С. Асосҳои методологии баҳодиҳии таъминоти захираҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа [Матн]/ Деҳқонов С. / Маводҳои конференсияи илмӣ – назариявии устодон, кормандон ва донишҷуёнӣ донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба ба «26-солагии ваҳдати миллӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» 14-20 апрел Рашт -2023с. - С. 210-214.

[16-М]. Деҳқонов С. Арзёбии вазъи кунунии соҳаи маорифи минтақаи Рашт [Матн] / Деҳқонов С.А. / Маводи конференсияи илмӣ – амалии байналмилалии «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар» (27.05.2023), дар кафедраи баҳисобгиирии бухгалтерӣ ва менеҷмент –и ДОТ дар н. Рашт.-С. 48-53.

Хулоса дар ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди корхона ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ иштирок доштанд: ҳамагӣ-30 нафар, аз онҳо ба ҳуқуқи овоздиҳӣ-18 нафар. Аз ҷумла, бо ихтиоси диссератсияи муҳокимагардида д.и.и., профессорон-4 нафар, н.и.и., дотсентон-14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-18 нафар, муқобил нест, бетараф нест, дар асоси натиҷаи овоздиҳӣ,

**ҷаласаи якҷояи кафедраҳо қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба Шурои диссертатсионии

6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия дода мешавад.

3. Қарори якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ, иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Протоколи №3-и ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ, иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 24.10.2023с.

**Раис:**
н.и.и., профессор, мудири кафедраи
назарияи иқтисодӣи ДДМИТ Насриддинов Ф.Б.

**Котиб:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Нуридинов С.З.

Дурустии имзоҳои **Насриддинов Ф.Б.** ва **Нуридинов С.З. - ро** тасдиқ мекунам:
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ.** Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ